*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17-ум, бинои 1.)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзӯъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад. Аз ҷумла мавзуи таҳқиқоти бо бандҳои 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва фишангҳои тадқиқоти иқтисодии маконӣ; эконометрикаи қаламравӣ; ташхиси низомии мушкилот ва ҳолатҳои минтақавӣ; 2. Тақсимоти қаламрави захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳати назариявӣ; методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии кишоварзӣ мувофиқ аст.

2. **Мубрамияти мавзуи таҳқиқ**. Вазъияти соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, самаранокӣ ва устувории онҳо, амнияти озуқавориро дар иқтисодиёти мамлакат муайян менамоянд. Бинобар он рушди устувори комплекси агроозуқаворӣ дар шароити номуайянии иқтисодӣ ба қисми таркибии сиёсати ҳар як давлати мустақил табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози аввали солҳои соҳибистиқлолӣ таъмини амнияти

озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифатро яке аз ҳадафҳои стратегии худ муайян намудааст, ки он омили муҳимми ҳифзи давлат, соҳибихтиёрии давлатӣ ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки вазъи комплекси хӯроквории минтақавӣ ва фаъолияти самараноку устувори онҳо мустақилияти озуқаворӣ ва амнияти иқтисодии кишварро дар маҷмӯъ муайян мекунад. Ислоҳоти гузаронидашуда ба рушди муносибатҳои нави бозорӣ дар бахши аграрии иқтисод тадриҷан таъсир расонида, комплекси хӯроквории минтақаҳои мамлакат баҳри таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти асосии озуқаворӣ саҳм гузошта истодаанд. Дар баробари ин дар роҳи таъмини рушди устувори комплекси хӯроквории минтақавӣ чунин мушкилотҳо ҷой доранд, аз ҷумла таназзули раванди технологӣ, коҳишёбии ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, афзоиши хароҷоти истеҳсолот ва коҳиши сатҳи рақопатпазирии маҳсулот. Ин вазъият бевосита ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, заифгардии ҳамгироии алоқаҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи маҳал, бад гардидани кооператсияи байнисоҳавӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа таҳдид ба амнияти озуқаврии минтақа ва дар маҷмӯъ мамлакат мебошад.

Дар ин маврид гузаронидани таҳқиқоти алоҳида дар самти такмилдиҳии механизмҳои ташкиливу иқтисодие, ки боиси таъмини рушди комплекси озуқаврии минтақавӣ мегрардад, зарурияти илмию амалӣ дорад. Маҳз ин ва дигар далелҳои назариявию амалӣ муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионии Ҳакимзода М.М.-ро тасдиқ мекунанд.

**3. Дараҷаи навгонии илмӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва сатҳи илмияти нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда.** Навгонии илмии диссертатсияи тақризшавандаро мукаммалсозии консепсияҳои тараққиёти иқтисодиёти ҳудудҳо ва соҳаҳо, алалхусус, комплекси озуқаворӣ, такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа ташкил медиҳад. Ба сифати унсурҳои навгонии илмӣ инҳоро дохил намудан мумкин аст:

- таъиноти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маконӣ, функсионалии соҳаи комплекси озуқаворӣ дар тамаддуни инсоният низомбандӣ гардида, ба мундариҷаи он саҳеҳӣ ворид карда шудааст;

- заминаҳои илмии таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда шудааст, ки он аз: зарурияти ташаккулёбии бозори озуқаврии инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир; ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо

озуқаворни солим, ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот; оқилона ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣ тибқи талаботи ояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ; шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ; сарзаниши таҳдидҳо дар таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ;

- робитаи зичи байни рушди устувори маҷмааи озуқаворӣ ва трансформатсияи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ, асоснок карда шудааст, ки барои раванди рушди устувор ҳамчун ҷузъи таркибии ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод гардида имкон додааст; ягонагии фазои молиявию иқтисодии минтақаи аграрӣ, ки дар он ҳамоҳангии мутақобилаи соҳаҳо пайвастагии раванди такрористеҳсол ва коҳиши номувозинии институтсионалиро таъмин менамояд; зарурати риояи мувофиқат ва ҳамоҳангии манфиатҳои тарафайн; дарки низоммандӣ ва сохтормандии ҳамаи иштирокчиёни маҷмааи озуқаворӣ ба хотири ба даст овардани натиҷаҳои устувори иҷтимоию иқтисодӣ;

- услубҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ низомбанди карда шуда, нишондодҳои он гуруҳбандӣ шудааст. Дар асоси он, нишондиҳандаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқавории минтақа коркард карда шуда, имконятҳои истифодаи он дар таҷриба санҷида шудааст;

- арзёбии вазъи муосири комплекси озуқаворни вилояти Суғд дар радифи таъмини рушди устувор гузаронида шудааст. Исбот карда шудааст, ки бо ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, алалхусус, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, коҳишёбии масоҳати заминҳои корам мушоҳида мегардад, ки ба бехатарии озуқаворӣ таҳдид эҷод менамояд. Сабабҳои асосии он мудаллал карда шудааст, аз ҷумла маҳдудияти молиявӣ,  норасогии воситаҳои гардон, сатҳи баланди арзи воситаҳои қарзӣ, камшавии дастгирии давлатӣ, баландшавии нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, душворӣ дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии сатҳи механикунонӣ, ҷорӣ нагардидани технологияи интенсивикунонӣ. Муайян гардидааст, ки дар солҳои охир саршумори чорво ва парранда дар вилояти Суғд афзоиш ёфтааст, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ тамоюли мусбӣ аст, вале ҳолати мазкур таҳдид дар самти экологӣ, яъне таъсири манфӣ ба флора ва фауна дорад. Сабабҳои он муайян карда шудааст, ки ба он маҳдудияти чарогоҳҳо, коҳиш додани ҷангалзорҳо, хусусигардонии доманакӯҳҳо, канда шудани муносибатҳои истифодабарии чарогоҳҳои давлатҳои ҳамсоя ва ғайраҳо дохиланд;

- исбот карда шудааст, ки амалишавии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои комплекси озуқавории вилояти Суғд дар сатҳи паст қарор дорад. Баҳри инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси озуқаворӣ зарурияти амалишавии самтҳои зерин асоснок гардидааст: ташаккули кластерҳо дар комплекси озуқаворӣ; инфрасохтори инноватсионӣ; ҷалби кадрҳои баландихисос ба соҳа; ҷалби инвеститсияҳо; ҳавасмандии давлатии истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ;

- механизмҳое, ки дар таъмини рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Суғд таҳкурсии асосӣ мебошад, асоснок карда шудааст. Ба монанди амалӣ намудан ва илман исботкардашудаи селексияи ватании растанӣ ва ҳайвонот; дастгирии давлатии муассисаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ; (муҳоҷирати дохили барои азхудкунии заминҳои нав (мисол, дар давраи шӯравӣ ташкили Зафаробод).

- самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти комплекси озуқавории вилояти Суғд муайян карда шудааст, ки равияҳои зеринро дар бар мегирад: танзими давлатии нархҳои бозории маҳсулоти кишоварзӣ; танзимкунии ҳаҷми воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ; ҳавасмндкунии андозиву буҷавии истеҳсоли ватании маҳсулотҳои озуқаворӣ; амалигардонии “мониторинги озуқавории” аҳолӣ; механизми субсидиякунонии табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо озуқаворӣ; дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

- самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидории захиравии комплекси озуқаворӣ асоснок карда шудааст, ки онҳо интенсификатсия ва инноватсиякунонии фондҳои асосии истеҳсолот; ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи хароҷотҳои тухмӣ ва нуриҳои минералӣ; баланд бардоштани сатҳи механикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ; дастгирии таъмини захиравӣ аз ҷониби давлат; ҳалли мушкилоти экологие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд омада истодааст; ҷорӣ намудани ҳамкории бахши давлатию хусусӣ;

- такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла: ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани

натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод гардидааст.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор нишон додашуда.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимон-иқтисодчии ватаниву хориҷӣ дар самти комплекси озуқаворӣ, таъмини рушди устувори он истифода шудаанд. Бо сарчашмаҳои кофии маводҳо аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, эътимоднокии маълумотҳо, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар кори таҳқиқотӣ исбот мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳо асоснок пешниҳод шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунад.

Дар таҳияи ин стратегия, маҷмӯи васеи усулҳои таҳлили маркетингӣ истифода шудаанд, аз ҷумла:

- Таҳлили муҳити дохилӣ ва беруна (SWOT ва PEST-таҳлил) – барои муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисод ва бозор;
- Таҳлили сохторию функсионалии бозор – барои муайян кардани бахшҳои афзалиятнок ва иқтидорҳои рушди истеҳсолот;
- Таҳлили муқоисавӣ ва омилӣ – барои муайян кардани тафовутҳо дар рушди иқтисодӣ байни шаҳру ноҳияҳо ва бозорҳои маҳаллӣ;
- Моделсозии иқтисодӣ ва таҳлили эҳтимолӣ – барои пешгӯии рафтори истеъмолкунандагон ва рушди бозорҳои мақсаднок;
- Методҳои синтез, индуксия ва дедуксия – барои коркарди ҳадафҳои амалии маркетинг ва стратегияи тарғибот;
- Усулҳои оморӣ ва коршиносӣ (экспертӣ) – барои таҳлили эҳтиёҷоти бозор ва тарҳрезии маҳсулоти рақобатпазир.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври мустақил ва таҳлилгарона маълумоти оморӣ ва илмиро ҷамъоварӣ ва бо ҳадафҳои маркетингӣ мувофиқ гардонида, хулосаҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

**5. Аҳаммияти илмию амалӣ, иқтисодию иҷтимоии диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия ба истифодаи васеи онҳо дар таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ нигаронида шудааст. Яъне натиҷаҳои

бадастомадаи кори диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳкими заминаҳои илмии ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат менамоянд.

Муқаррароти кори диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва вазорату идораҳои соҳавӣ истифода гардад. Инчунин, ҷанбаҳои илмию назариявии диссертатсия метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанҳои “Иқтисодиёти комплекси агросанотӣ”, “Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ кишоварзӣ”, “Иқтисодиёти корхонаҳо” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос истифода гарданд.

**6. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он.**

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, панҷ боб, хулоса, пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 376 саҳифа, аз ҷумла 46 ҷадвал, 27 расм, 4 диаграмма, 2 схема, 14 замима ва 345 рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

Муқаддима чун анъана, қисматҳои муҳимми кори анҷомшударо ба таври бисёр барҷаста дар бар мегирад, аз ҷумла, исботи муҳиммияти мавзуъ, сатҳи таҳқиқ шудани он дар доираҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, фарзияи илмӣ, навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ ва ғайраҳо.

**Дар боби якум** “Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот оид ба комплекси озуқаворӣи минтақа дар шароити муосир” муқарраротҳои консептуалии тараққиёти комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисодии муосир ва заминаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди комплекси озуқаворӣи минтақа омӯхта баромада шуда, омилҳои таъсиррасонанда ба тараққиёти устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа таҳқиқ карда мешавад. (С. 21–63)

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақаҳо яке аз муаммоҳои муҳими илми иқтисоди муосир ба шумор рафта, ба худ маҷмуи масъалаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ташаккули низоми устувори бозори озуқавориро дар бар мегирад. Комплекси озуқаворӣи минтақа дар низоми иҷтимоию иқтисодии он яке аз унсурҳое мебошад, ки аз як тараф, рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Ҳамчунин барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ комплекси озуқаворӣи минтақа пояи асосӣ ба шумор меравад. Дар ин асос сохтори бозори озуқаворӣи минтақа дар расми 1.1.1

инъикос мегардад, ки он аз бахши аграрӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бозори маҳсулоти кишоварзӣ иборат аст. (С.24-25)

Муаллиф дар асоси низомбандии ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ чунин вазифаҳои комплекси озуқаворӣи минтақаро дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҷудо намудааст: 1) бо роҳи тадбиқи сиёсати нархӣ ва дигар чораҳои танзими давлатӣ таъмини дастрасии аҳолии ҳудудҳои ҷумҳурӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ; 2) бо роҳи ҳавасмандкунӣ зиёд намудани истеҳсол ва сохтори аввалаи маҳсулоти озуқаворӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа; 3) муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди устувори соҳаи агросаноатӣ, ки бевосита барои баланд бардоштани некуаҳволии минтақа таъсири мусбӣ мерасонад; 4) ҷорӣ намудани пешгӯикунӣ ва ба роҳ мондани банақшагирии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ барои расидан ба ҳадафи дар банди дуюум муайян шуда. (С.28)

Зикр гардидааст, ки стратегияи рушди устувори комплекси озуқаворӣ мавҷуд будани механизми мутобиқи идоракуниро на танҳо ба равандҳои иқтисодӣ, балки ба субъектони иқтисодиёти минтақавӣ дар шакли банақшагирии рушди комплексҳои истеҳсолии зарурӣ, молиягузории сармоягузории дарозмӯҳлат, ташкили шароитҳои зарурӣ барои амали гаштани ҳадафҳои барномаҳои иҷтимоӣ ва лоиҳаҳои калонҳаҷм бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ мувофиқат мекарда ва гайраҳоро дар назар дорад. Бинобарон, чораҳо оид ба баланд намудани дараҷаи ҷолибияти минтақаҳо барои инвесторони хусусӣ метавонад ба ду гурӯҳ ҷудо шавад:

1. Беҳтаргардонии хусусиятҳои ҳудудҳо, такомулдиҳии инфрасохтор (ҳамзамон инфрасохторро ҳамчун нишондоди синтетикии шароити хоҷагидорӣ, устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа дарк намудан мумкин аст);

2. Пешкаш намудани маҷмуи имтиёзҳо барои инвесторон дар минтақа муқаррар карда шудааст. (С.38)

Дар шароити муосир ба тамоюли рушди устувор ва тадбиқи он тақрибан ҳамаи давлатҳои ҷаҳон кӯшиш ба ҳарҷ медиҳанд ва ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳои он дар мадди аввал қарор дорад. Вобаста ба ин маужлиф як қатор омилҳое, ки хусусияти иқтисодӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, бозорӣ ва психологӣ дорад, тасниф намудааст. (С.50.51)

**Дар боби дуюм** "Методологияи таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он" принсипҳои ташаккули рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақа асоснок карда шуда, методикаи

баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқавории минтақа коркард шудаанд. Ҳамчунин дар ин боби рисола таҷрибаи хориҷии ҷойгиронии минтақавии комплекси озуқаворӣ омӯхта баромада шуда, имкониятҳо ва афзалиятҳо тадбиқи онҳо дар шароити иқтисодиёти вилояти Суғд муайян карда мешавад. (С. 63–109)

Муаллиф ишора менамояд, ки рушди устувори комплекси озуқаворӣ бояд дар асоси принсипҳои дақиқи ҳамгироии функсионалӣ, мутобиқати институтсионалӣ, ҳавасмандкунии субъектҳо ва таъминкунии занҷираи арзиши иловашуда роҳандозӣ шавад. Ҳамчунин истифодаи шаклҳои корпоративӣ, инфрасохтори бозорӣ, татбиқи барномаҳои стратегӣ ва дахолати оқилонаи давлатро зарур донистааст, ки бевоста омили асосии таъминкунандаи рушди комплекси озуқаворӣ мебошад. (С.70-78)

Дар диссертатсия омадааст, ки самаранокии истеҳсолӣ ва баҳогузории он яке аз масъалаҳои мушкил ва муҳимми рӯз мебошад. Албатта, самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқавории минтақа ду ҷабҳаи худро дорад. Якум, дар доираи истеҳсолоти худи соҳаи кишоварзӣ баромад намояд. Дуюм, бояд ки ба самаранокии коркарди он низ баҳо дода шавад. Баҳогузорӣ ва таҳлили самаранокии истеҳсолоти аграрӣ, аз ҷумла дар комплекси озуқавории минтақа ҳалли як чанд вазифаҳоро пайгирӣ менамояд. Расми 2.2.1. Ҳамчунин барои баҳодиҳии маҷмӯӣ ва пешгӯии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворӣ модели индексии интегралӣ мувофиқи мақсад дониста шудааст. (С.82-84)

Баъдан дар диссертатсия дар асоси муқоисаи моделҳои ташкилотӣ ва механизмҳои амалии кишварҳои хориҷӣ, муаллиф имконияти тадбиқи онро дар чунин самтҳо муайян кардааст: тақвияти иқтидори коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ, муттаҳидсозии сохторҳои истеҳсолӣ ва коркард ба воситаи ташкилоти корпоративӣ ва иттиҳодияҳои агросаноатӣ, рушди механизмҳои агрокластерӣ дар сатҳи байниноҳиявӣ. (С.92-96)

**Дар боби сеюм** “Вазъияти муосир ва рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Сугди Ҷумхурии Тоҷикистон” рушди устувори комплекси озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таҳлил карда шуда, фаъолияти инноватсионӣ, асоси рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа асоснок карда шудаанд. (С. 110–185)

Соҳаи кишоварзии вилояти Суғд пояи заминаи асосии комплекси озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад, дар ин радиф муаллифи диссертатсия аз рӯи нишондиҳандаҳои шумораи корхонаҳои кишоварзӣ, масоҳати умумии киштзори кишоварзӣ, замини кишти зироатҳои

кишоварзӣ, маҳсулоти умумии хоҷагии кишоварзӣ вазъи муосири комплекси озуқавориро арзёбӣ намудааст. (С.116-121)

Аз таҳлили гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки дар давраи 2010–2023 истеҳсоли аксари маҳсулотҳо ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Мева, полезӣ ва картошка суръати баландтарини афзоишро нишон медиҳанд. Дар тӯли 13 соли охир истеҳсоли ғалла ба 53,7%, биринҷ – 90,3%, картошка – 2,1 маротиба, сабзавот – 97%, полезиҳо – 3,5 маротиба, мева – 3,2 маротиба, ангур – 38,6% афзоиш ёфтааст. Омилҳое, ки мусбӣ ба афзоиши истеҳсолот таъсир расониданд беҳтар шудани сиёсати аграрӣ ва дастгирии давлатӣ, вусъат ёфтани заминҳои кишт ва истифодаи технологияҳои нав, афзоиши талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар дохил ва хориҷ, баланд шудани маърифатнокии деҳқонон дар соҳаи агробизнес ва ғайра мебошанд. (С.122) Бо ин ақидаи докторант розӣ шудан мумкин аст.

Баъдан дар диссертатсия бо вуҷуди рушди назаррас, якчанд масъалаҳое, ки бояд роҳи ҳалли худро ёбанд, таъкид шудааст:

- Афзоиши истеҳсол бояд ҳамзамон бо густариши имкониятҳои фурӯш ва содирот ҳамқадам бошад, вагарна хатари зиёдатии маҳсулот ва коҳиши нарх вуҷуд дорад.
- Афзоиши ҳаҷми истеҳсолот бояд бо рушди инфрасохтори нигаҳдорӣ ва коркард ҳамоҳанг гардад.
- Зеро баъзе соҳаҳо мисли токпарварӣ афзоиши маҳдуд доранд, эҳтимолан самти истеҳсолот бояд аз нав арзёбӣ шавад.

Муаллиф таъкид намудааст, ки дар вилоят сарчашмаи зарурии озуқаворӣ корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ ба ҳисоб меравaнд. Шумораи онҳо дар соли 2023 ба 214 адад расидааст. Вазни қиёсии онҳо дар шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ 24,9%-ро ташкил медиҳад. Вобаста аз ин нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли маҳсулоти озуқавории асосӣ таҳлил гардида муайян шудааст, ки соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз рӯйи чунин молҳо, ба монанди гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ нисбат ба соли 2001 4,8 маротиба, шир ва маҳсулоти ширӣ 67,8%, тухм 2,8 маротиба, шакар, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ 2,8 маротиба, маҳсулоти нонӣ 19,0%, картоша 6,8 маротиба, сабзавот ва полезиҳо 3,7 маротиба, меваҳо, буттамеваҳо ва ангур 2,1 маротибаро ташкил кардаанд. Бо назардошти он дар татбиқи сиёсати иқтисодии минтақавӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод шудааст. (С.130-132)

Дар диссертатсия омадааст, ки барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар, пеш аз ҳама зарур аст, ки талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ

ва ашёи хоми кишоварзӣ ба таври устувор аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ қонеъ гардонда шавад. Дар ин маврид низ бо ақидаи довталаби дараҷаи илмӣ розӣ шудан мумкин аст, воридоти маҳсулот бояд дар ҳаҷми оқилона ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ ба ҳолати рушди комплекси озуқаворӣ, имкониятҳои молиявии он, қобилияти пардохтии аҳолӣ, фоидаовар будани истеҳсолот ва устувории робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи озуқаворӣ вобастагии зич дорад. (С.139)

Дар диссертатсия нақш ва мақоми фаъолияти инноватсионӣ дар рушди комплекси хӯрокворӣ баррасӣ гашта, омилҳои асосии аҳамияти афзояндаи рушди инноватсионӣ дар соҳа муайян карда шудаанд:

- Бо тадбиқи инноватсияҳо тафовут байни рушди демографӣ ва истеҳсолоти кишоварзиро аз байн гирифтан мумкин аст, зеро дар холати ҷой доштани сатҳи баланди инноватсия ва интенсификатсия дар соҳаи кишоварзӣ, ҳаҷми истҳсолот на аз ҳисоби зиёд намудани масоҳати кишт, балки бо роҳи баланд намудани ҳосилнокӣ зиёд мегардад ва ин омили муҳими рушди соҳа баромад менамояд;
- Соҳаи кишоварзӣ манбаи муҳимми ашёи хом барои саноат буда, дар таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши калидӣ мебозад;
- Шароити зиндагии арзандаи мардум дар минтақаҳо ба рушди устувори хоҷагиҳои кишоварзӣ вобаста аст, ки ба рушди иқтисодии маҳалҳо такя мекунад. (С.160)

**Дар боби чорум** “Механизмҳои ташаккулёбии рушди устувори комплекси озуқаворӣ” асосҳои консептуалии таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дида баромада шуда, механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дар минтақа коркард кард ва асоснок шудаанд. (С. 185–245)

Муаллиф асоснок намудааст, ки таҳкими заминаҳои танзими давлатӣ, рушди инфрасохтор ва таъсиси кластерҳои истеҳсоливу коркард дар соҳаи кишоварзӣ метавонад ба устувории бештар ва ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои агросаноатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз ва ба назар гирифтани меъёрҳои экологӣ бояд дар маркази сиёсати соҳа қарор гирад. (С.188-206)

Дар кори диссертатсионӣ хусусиятҳои хоси комплекси озуқаворӣ ва асосҳои пешгӯии иқтисодӣ, мутобиқсозии равандҳои пешгӯӣ бо банақшагирии стратегӣ ва таҳияи барномаҳои асосноки дарозмуддат бо ҳисобҳои муфассал, шарти муҳими таъмини рушди устувори соҳа дониста шудааст. (С.208-209)

Муаллиф бо назардошти нақши стратегӣ доштани комплекси агросаноатӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди иқтисоди маҳаллӣ ва беҳтарсозии шароити зиндагии аҳолӣ, барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, хусусан дар вилояти Суғд, татбиқи чунин чораҳои мақсаднокро асоснок намудааст, аз ҷумла:

- Рушди механизмҳои ҳавасмандкунӣ барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, ки маҳсулоти кишоварзиро ба бозори дохилӣ пешниҳод менамоянд.

- Мониторинги мунтазам ва таҳлили динамикии сатҳи нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ дар бозорҳои маҳаллӣ, ки ба танзими саривақтии бозор, пешгирии камбудӣ ва болоравии нархҳои беасос мусоидат мекунад.

- Ташкили шароити мусоид барои содироти маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ки боиси тавсеаи бозорҳои фурӯш, афзоиши даромади истеҳсолкунандагон ва баланд шудани нуфузи маҳсулоти миллӣ дар бозори хориҷӣ мегардад.

- Рушди инфрасохтори инноватсионӣ, аз ҷумла ташкили марказҳои инноватсионӣ, бизнес-инкубаторҳо, шабакаҳои иттилоотию машваратӣ ва логистикӣ, ки заминаи устувор барои ҷорӣ намудани навовариҳо дар соҳаи кишоварзӣ фароҳам месозанд.

- Таъмини соҳа бо мутахассисони баландихтисос, ки дар таҳкими пойгоҳи кадрии соҳа нақши калидӣ мебозанд. Барои ин, роҳандозии барномаҳои таълимиву бозомӯзӣ ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ зарур аст.

- Чораҳои тақвиятбахш ба қобилияти пардохтпазирии аҳолии деҳот, ки боиси афзоиши талаботи дохилӣ ва дастрасии бештари аҳолӣ ба маҳсулоти босифати озуқаворӣ мегардад. (С.221-222)

**Дар боби панҷум** "Самтҳои афзалиятноки идоракунии ташаккулёбӣ ва рушди устувори комплекси озуқаворechт вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон" ташаккулёбии механизми идоракунии оптималии иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он таҳқиқ карда шуда, модели танзими давлатии рушди устувори он коркард шудаанд. Ҳамчунин дар ин қисмати диссертатсия афзалиятҳои рақобатӣ ва баланд намудани рақобатпазирии комплекси озуқаворechт вилояти Суғд муайян гардидааст. (С. 246–302)

Муаллиф имкониятҳои рушди иқтидори захиравии вилояти Суғдро дар мувофиқа бо сиёсати истеҳсолоти воридотивазкунанда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, фишангҳои бартаридоштаи танзими

давлатии иқтидори захиравии КАС-ро асоснок намудааст, ки он аз чунин қисматҳо иборат аст:

- муҳайё сохтани замина бо истифода аз унсурҳои шарикии бахши давлатию хусусӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҷозибадории инвеститсионӣ;
- муҳайё сохтани заминаи мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ.

Барои такомули механизми идоракунии иқтидори захиравии КАС, ки ба мустаҳкамгардонии он равона карда мешавад, чунин унсурҳо бояд хизмат кунанд:

- зина ба зина роҳандозӣ намудани протексионизми аграрӣ;
- стратегияи рушди КАС, ки ба дигаргунсозиҳои соҳавӣ ва муҳити беруна мутобиқ мебошад;
- низоми самараноки ибтикороти калони давлатӣ дар соҳаи инноватсионӣ-инвеститсионии истеҳсолоти аграрӣ. (С.250-253)

Дар кори диссертатсионӣ яке аз самтҳои асосии рушди устувор ташкили модели динамикии муносибатҳои рақобатӣ дар хоҷагии минтақа муайян карда шуда, омилҳои баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаи комплекси агросанатӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд.(С.286-287)

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта нишон дода шудаанд.

**7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионии Ҳакимзода М.М. дар 39 маводи илмӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфтаанд.

**8. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.** Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо, дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

1. Дар муқаддима мебоист, ки муаллиф муҳиммияти фаъолияти комплекси озуқаворӣ ва таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулотҳои асосии ғизоиро асоснок мекард.
2. Бандҳои 2 ва 3-юми навгонии илмӣ, аз зербандҳои алоҳида иборатанд, ки мушаххасотро талаб менамоянд.
3. Дар параграфи 2.3. баробари омӯзиши таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта, бояд таҷрибаи давлатҳои ИДМ мавриди баррасӣ қарор

мегирифт. Зеро сатҳи рушди комплекси озуқавориро, масалан, танҳо дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муқоиса намуда, ба мулоҳизаҳои илмӣ ноил гардидан мумкин буд.

4. Дар зербоби 4.2. саҳифаи 210 кори диссертатсионӣ оид ба консепсияи идоракунии мақсаднок дар соҳаи озуқаворӣ ишора гардидааст. Вале хуб мебуд муаллиф сохтор ва марҳилаҳои амали консепсияи мазкурро дар сатҳи минтақа асоснок мекард.

5. Зербоби 4.3. коркарди механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дар минтақа унвон дорад. Аммо механизми такмилёфта ва коркардшудаи муаллиф дар таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ мавҷуд нест.

6. Хуб мебуд, ки дар зербоби 4.3, ҷадвалҳои 4.3.2; 4.3.4; 4.3.5; 4.3.7; 4.3.8; 4.3.9 вобаста ба комплекси озуқаворӣ ва ҳолати таъними аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ба боби 3-и кори диссертатсионӣ ҷой дода шуда, арзёбӣ мегардид.

7. Зербоби 5.1 Ташаккулёбии механизми идоракунии оптималии иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он номгузорӣ гарштааст. Ба андешаи мо, механизмҳои амалнамоӣ ташаккул ёфтаанд, бинобар он мукаммалгардонии механизмҳои идоракунӣ асоснок мешуд, мувофиқи мақсад буда, ҳамзамон унвонгирии зербоб ба мундариҷа мувофиқат намекунанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мӯҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**9. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**. Чуноне таҳлил нишон дод, автореферати диссертатсияи Ҳакимзода М.М. мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум намуда, дорои навгониҳои илмӣ ва муқарраpоти арзишманде мебошад, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Аз ташхиси пурраи кори диссертатсионӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳқиқоти баитмомрасидаи мукаммалу пурра, фарогири хулосаю мулоҳизоти илмӣ буда, ба таълифи рисолаҳои докторӣ мувофиқ аст, ки муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси талабшаванда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

Суроғаи шахсӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупский бинои 1/45. Тел.+992927802994. E.mail: surush-sa@mail.ru

«15» октябри соли 2025

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Тел.+ 992 37 231 0843
E-mail: info@tgfeu.tj

«15» октябри соли 2025